# Ташкилоти ҷамъиятии «ХУРШЕД»

## КОДЕКСИ АХЛОҚ

Ташкилоти ҷамъиятии “Хуршед” барои иҷрои мақсадҳои оинномавӣ ва вазифаҳои Ассотсиатсия паймон бастанд, ки дар кори худ принсипҳои асосии ахлоқи касбиро, ки дар ин Кодекси ахлоқ зикр ёфтаанд, риоя намоянд.

***1. Вазифа***

Вазифаи Ташкилот бо мақсади ҳифз ва ба амал баровардани ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дастгирии иҷтимоию ҳуқуқӣ, фарҳангии шаҳрвандон, вусъат додани фаъолиятнокии онҳо таъис дода шудааст ва барои рушди ҷомеа дар Тоҷикистон мусоидат кардан аст.

***2. Арзишҳо***

Кодекси ахлоқи мазкурро қабул карда истода, аъзои Ташкилот ин ҷанбаҳоро ба асос гирифтаанд:

- Иштирокчиёни Тшакилот зарурати риояи принсипҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои одобро дар раванди фаъолияти худ ва ҳамчунин тарғибу ташвиқи ғояҳои омӯзишӣ, ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дастгирии иҷтимоию ҳуқуқӣ, фарҳангии шаҳрвандоро дар доираи Оинномаи Ташкилот ҳам берун аз он ҳатмӣ меҳисобанд;
- Ҳамоҳангсозии саъю кӯшиши умумии иштирокчиёни Ташкилот бояд ба баланд бардоштани шаффофияти иттилоотӣ дар соҳаи рушди ҷомеа, татбиқи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дастгирии иҷтимоию ҳуқуқӣ, фарҳангии шаҳрвандон, вусъат додани фаъолиятнокии онҳо, бо назардошти маблағгузорӣ дар ин самт равона карда шавад;
- Аъзоёни Ташкилот дар боло рафтани обрӯю эътибори ташкилоти мазкур ҳамчунин дар баланд шудани сатҳи маърифатнокии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон сифати вазифаҳои афзалиятноки фаъолияти худ эътироф менамоянд;
- Иштирокчиёни Ташкилот принсипи ҳимояи ақидаи худ ва ҳимояи манфиатҳои аъзоёни ташкилотро эътироф менамоянд, аз ҷумла дар мақомоти давлатии танзимкунанда;
- Иштирокчиёни Ташкилот дар фаъолияти худ ба баланд бардоштани малака ва салоҳиятҳои касбӣ мекӯшанд, аз ҷумла аз ҳисоби рушди усулҳои табодули донишҳо ва таҷрибаҳо дар дохили кишвар ва ҳамчунин бо барқарор кардани муносибатҳои шарикӣ бо ташкилотҳои касбии хориҷӣ дар соҳаибаланд бардоштани таҳсилоти мутахассисони ниҳодҳои ҷмаъиятӣ ва мубодилаи таҷрибаҳои рӯзноманигорон, касбомӯзии занони осебпазир, ҷабрдидагони зӯроварӣ дар Тоҷикистон мусоидат менамояд.

***3. Принсипҳои асосии рафтори хизматӣ***

Ҳар як узви Ассотсиатсия бояд меъёрҳои олии фаъолияти касбӣ, дурусткорӣ ва ҳамчунин принсипҳои рафтори хизматии аъзои Ташкилотро риоя намояд, принсипҳои зикршударо ҳамчун як қисми маданияти касбӣ эътироф намояд ва дар таҷрибаи ҳамарӯзааш истифода барад.

Ассотсиатсия принсипҳои зерини ахлоқро ба роҳбарӣ мегирад:

- Дастрасии озод ба иттилоот дар бораи фаъолият
- Эҳтироми шартнома
- Ташкил намудани шароити якхела барои ҳама
- Рақобати бовиҷдонона
- Ҳалли баҳсҳо бо роҳи гуфтушунид
- Истифодаи қонунии иттилооти шабакаи дохилӣ
- Мусоидат кардан ба таъмини рушди устувор
- Ҳуқуқи Раёсати Ташкилот  ба чопи ахбор дар бораи риоя накардани ахлоқ

1. *Дастрасии озод ба иттилоот дар бораи фаъолият*

   Аз ҷониби ҳар як аъзои Ташкилот озодона, кушоду равшан бурдани корҳо ва табодули ахбор бо ба ҳисобгирии меъёрҳои махфият дар байни ҳамаи иштирокчиёни бозори хизматрасонии таҳсилотӣ дар назар дошта мешавад.

2. *Эҳтироми шартнома.* Риояи уҳдадориҳои шартномавӣ ва устуворӣ дар қавл ба некномӣ ва обрӯи баланди корӣ пайдо намудан, муқаррар кардани муносибатҳои қавии ҳамкорӣ дар рӯҳияи эҳтиром ва боварӣ ба ҳамдигар мусоидат мекунад. Шартномаи шифоҳӣ баробари шартномаи хаттӣ мебошад.

3. *Ташкил намудани шароити якхела барои ҳама.* Барои роҳ надодан ба мухолифат дар фаъолият, барои муносибати бовиҷдонона ва баробар бо ҳамаи аъзо, ташкилот ва шаҳрвандон бояд меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилӣ, принсипҳои асосии муносибати кории байни аъзои Ассотсиатсияро риоя намоянд.

4. *Рақобати бовиҷдонона.* Муборизаи рақобатии бовиҷдонона танҳо дар асоси арзишҳои маҳсулот ва хизматрасонии худ, эҳтироми тарафайни рақобаткунандагон, риояи қоидаҳои умумии рафтор барои ҳамаи иштирокчиёни бозор ба роҳ монда мешавад ва тарзҳои ғайриқонунии бурдани кор ва ба даст овардани имтиёз рад карда мешаванд.

5. *Ҳалли баҳсҳо бо роҳи гуфтушунид.* Бозори мутамаддин ҳалли баҳсҳоро бо роҳи гуфтушунид дар назар дорад. Ҳар як шакли ҳалли ихтилофу ҷанҷолҳо бо роҳи зӯрӣ, аз ҷумла таъсири ҷисмонию рӯҳӣ манъ аст. Ҳамаи баҳсҳои байни иштирокчиёни Ассотсиатсия оид ба масъалаҳои идоракунии Ассотсиатсия, ки бо роҳи гуфтушунид ҳал намешаванд, ба маҷлиси умумии аъзои Ассотсиатсия

пешниҳод мешаванд ва қарори маҷлис барои ҳамаи аъзои он қарори охирин ва иҷрояш ҳатмӣ ба ҳисоб меравад.

6. *Истифодаи қонунии иттилооти шабакаи дохилӣ.* Аъзои Ташкилот кӯшиши истифодаи ғайриқонунии иттилои шабакаи дохилӣ ва нодурусткориро нисбати бозори хизматрасонии таҳсилотӣ чун ҷиддӣ вайрон намудани принсипҳои ахлоқи касбӣ меҳисобанд.

7. *Мусоидат кардан ба таъмини рушди устувор.* Ҳамаи аъзоён ва кормандон бояд ба рушди устувор - таъминкунандаи ҳалли мутавозини вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва мушкилиҳои нигоҳдории муҳити муътадили зист ва иқтидории захираи табиӣ бо мақсади қонеъ сохтани талаботи насли имрӯза ва оянда кӯшиш намоянд.

8. *Ҳуқуқи Раёсати Ташкилот ба чопи ахбор дар бораи риоя накардани ахлоқ.* Аз рӯи ариза ва дар асоси пешниҳод намудани маълумот Раёсати Ташкилот дар бораи ба нашр расонидани ахбор дар хусуси ташкилотҳо ва шахсони ба вайронкунии қоидаҳо роҳдода ё ба тарзи зарурӣ иҷро накардани уҳдадориҳои ба зиммаашон гирифта оид ба риоя намудани ахлоқи хизматӣ қарор қабул мекунад. Ҳамаи масъулият барои ҳаққонӣ будани маълумот ба зиммаи шахси ба аъзои Ташкилот маълумотдиҳанда меафтад.

4. ***Қоидаҳои ҳамроҳшавӣ ба Кодекси ахлоқ***

Шаҳрвандон ва ташкилотҳое, ки ба ТҶ «Хуршед» дохил мешаванд ё дохил шудаанд, ба Кодекси мазкур ихтиёрӣ ҳамроҳ мешаванд. Бо ҳамин онҳо уҳдадор мегарданд, ки дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ ҳамаи меъёр ва принсипҳои рафтори кории дар Кодекс зикршударо истифода баранд ва ба он муяссар шаванд, ки Кодекс ба як қисми маданияти касбии ҳамаи кормандони ташкилот ва шаҳрвандони аъзои Ассотсиатсия табдил ёбад.

5. ***Меъёрҳои ахлоқӣ - танзимкунандаи муносибатҳои дохилӣ ва берунии аъзоёни Ташкилоти "Хуршед"***

Стандартҳои ахлоқии Ташкилот чунин муносибатҳои асосиро ба танзим медароранд: муносибатҳои байни аъзои Ташкилот, ҳамкорон ва шарикон, мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ.

*5.1 Муносибат бо дигар аъзои Ташкилот*

Аъзои Ташкилот уҳдадор мешаванд:

1.1 Дар пеши мардум ба фаъолияти ҳамкорон баҳо надиҳанд. Амалиёти назарсанҷӣ, муайян намудани мартаба (рейтинг) ё дигар амалҳои баҳодиҳиро нагузаронад – аъзои Ташкилот ин амалро танҳо вазифаи коршиносони мустақил меҳисобанд.

1.2 Бо аъзои дигари Ташкилот эҳтиромона муносибат намоянд;

1.3 Дар ҷомеа ва дар васоити ахбори омма ҳамдигарро дастгирӣ намоянд. Ҳар як муносибати созандаи байниҳамдигарии миёни аъзоёни такшилот, лоиҳаҳои умумӣ, якҷоя ва фаъолияти якҷояро дастгирӣ намоянд. Робитаҳои шахсии байни аъзоёни ташкилотро, ҳавасманд намоянд ва ташкил кунанд (ё ба ташкили он мусоидат намоянд);

1.4 Принсипҳои баробариро ба роҳбарӣ гиранд;

1.5 Обрӯи Раёсати Ташкилотро эътироф ва эҳтиром намоянд;

1.6 Уҳдадории ба зимма гирифтаашонро иҷро намоянд. Нисбати иттилоот оид ба уҳдадориҳои ба зимма гирифташуда ва посухи саволҳои аъзои Ташкилот шаффофиятро риоя намоянд;

1.7 Муносибати байниҳамдигарии худро дар асоси эҳтиром, боварӣ, одоб ва некхоҳӣ ба роҳ монанд. Ба маҳдудсозии ҳуқуқ, рақобати бевиҷдонона роҳ надиҳанд;

1.8 Доимо дониш ва малакаи касбии худро такмил диҳанд, аз ҷумла бо роҳи ивази таҷриба бо ҳамкорони худ;

1.9 Барои аз худ кардани моликияти аъзои Ташкилот, аз ҷумла моликияти иттилоотӣ ва зеҳнӣ, мустақим ё ғайримустақим кӯшиш накунанд;

1.10 Дар бораи ҳодисаҳои рақобати бевиҷдонона (носолим) дар байни аъзоён ба Раёсати Ташкилот хабар расонанд. Раёсат ин амалро дар маҷлиси аъзои Ташкилот бояд дида бароянд.

1.11 Бояд кӯшиш кард, ки ихтилофҳои байни аъзои Ташкилот дардотираи Оинномa ва қонунҳои ҷорӣ ҳал карда шаванд.

### *5.2. Муносибат бо ҳамкорон ва шарикони ҳамкор*

Аъзои Ташкилот бовар доранд, ки гарави комёбиҳои онҳо муносибати дарозмуддат бо шарикони ҳамкор (таъминкунандагон, ташкилотҳо, донорҳо ва ғайра) бар асоси бовари мутақобила, эҳтироми тарафайн, бовиҷдонӣ ва адолат ба ҳисоб меравад.
Ташкилот шарикони ҳамкори худро ба риояи меъёрҳои ахлоқии қабулнамудаи Ташкилот ташвиқ мекунад.

*5.3 Муносибат бо мақомоти давлатӣ*

Аъзои Ташкилот мекӯшанд, ки бо мақомоти давлатӣ муносибатҳоро аз рӯи одоб ба роҳ монанд ва ин муносибатҳоро нигоҳ доранд.

*5.4 Муносибат бо ҷомеа*

Такшилот худро ҳамчун як узви ҷудонашавандаи муҳити ҷамъиятӣ меҳисобад, ки вай дар он кор мекунад ва мекӯшад бо он дар асоси принсипҳои эҳтироми байниҳамдигарӣ, боварӣ, бовиҷдонӣ ва адолатхоҳӣ муносибати устувор дошта бошад.

Аъзои Такшилот масъулияти ташаккул ва нигоҳ доштани муносибати эҳтиромонаро ба фаъолияти озмунӣ ва аъзои он ба зимма мегиранд.

Аъзои Такшилот ӯҳдадор мешаванд:

- Ба ташаккули афкори мусбати ҷомеа дар хусуси Ташкилот мусоидат намоянд. Ба тарафҳои манфиатдор, намояндагони ВАО ва ҷомеа самтҳои фаъолияти ташктилот оид ба ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дастгирии иҷтимоию ҳуқуқӣ, фарҳангии шаҳрвандон, вусъат додани фаъолиятнокии онҳо фаҳмонда диҳанд;
- Аз номи Ташкилот дар васоити ахбори омма бо мулоҳиза андеша ронанд. Агар узви Ташкилот бошад, оид ба ягон масъалаи баҳсӣ ақидаи шахсии худро дошта бошад ва онро бо дигар аъзои Ташкилот пешакӣ баррасӣ накарда бошад, он гоҳ метавонад дар ВАО танҳо аз номи худаш андеша биронад ва ба Ташкилот истинод накунад;
- Ба амалҳое, ки дар натиҷаи онҳо обрӯи касбии ҳамкорони Ташкилот паст шуданаш мумкин аст, даст назананд.

***6. Назорати риояи Кодекси ахлоқ***

6.1 Назорати риояи принсипҳои ахлоқи касбиро, ки дар муқаррароти Кодекси ахлоқ баён шудаанд, Ташкилот ба зиммаи Раёсати Ташкилот вомегузорад;

6.2. Раиси Раёсати Ташкилот дар сурати ошкор гаштани далелҳои вайрон кардани меъёрҳои ахлоқи касбии аъзоёни Ташкилот ин масъаларо бо аъзои Раёсат баррасӣ менамояд.

6.3 Маҷлиси Раёсат на дертар баъд аз 1 (як) моҳи ошкор гаштани далели вайрон намудани Кодекси ахлоқ даъват карда мешавад.

6.4 Аз рӯи натиҷаҳои маҷлиси Раёсат метавон чунин қарорҳо қабул кард:

6.4.1 Амали аъзои Ташкилот қонунӣ дониста мешавад;

6.4.2 Амали аъзои Ташкилот ғайриқонунӣ дониста мешавад ва ба аъзои вайронкунандаи муқаррароти Кодекси ахлоқ Раёсати Ташкилот огоҳӣ медиҳад;

6.4.3 Дар сурати такроран вайрон кардани меъёрҳои ахлоқи касбӣ аз тарафи аъзои Ташкилот, Раёсат дар бораи тавсия ба Маҷлиси умумии Ташкилот дар мавриди аз узвияти Ташкилот хориҷ намудани ӯ барои вайрон кардани Кодекси ахлоқ қарор қабул мекунад.

6.5 Қарор дар бораи хориҷ кардани аъзои Ташкилот бо овоздиҳии аз ¾ ҳиссаи иштирокчиён дар Маҷлиси умумии аъзоёни Ташкилот қабул карда мешавад.

6.6 Ташкилот ҳуқуқи пахши иттилоотро дар хусуси мунтазам вайрон кардани муқаррароти Кодекси ахлоқ дорад.

6.7 Ташкилот ташкили механизми ҳалли баҳсҳоро имконпазир меҳисобад, аз он ҷумла ҳалли баҳсҳои байни аъзоро ба воситаи ташкил намудани комиссияҳои муваққатӣ оид ба ахлоқ вобаста ба масъалаҳои мушаххас.

## *7. Қисми хотимавӣ*

7.1 Аъзоёни Ташкилот муқаррароти оинномавиро ва ҳамин Кодекси ахлоқро қатъан эътироф менамоянд.

7.2 Аъзоёни Ташкилот уҳдадор мешаванд, ки дар чорчӯби фаъолияти худ дар дохили Ташкилот ва берун аз он принсипҳо ва меъёрҳои ахлоқии зикршударо тарғибу ташвиқ намоянд.

7.3 Тағйирот ва иловаҳо ба Кодекси ахлоқ дар асоси қарори Маҷлиси умумии аъзои Ташкилот ворид карда мешаванд.

Ҳамчунин Кодекси ахлоқро қабул карда истода, аъзоёни Ташкилот ин масъалаҳоро ба асос гирифтанд:

- Кодекси ахлоқ бояд ба коллективона эътироф кардани уҳдадориҳои худ аз тарафи аъзои Ташкилот хизмат намояд,
- Кодекси ахлоқ бояд ба ташкили шароити мусоид, ки дар он рафтори хушахлоқона меъёр ба ҳисоб меравад, мусоидат намояд,
- Кодекси ахлоқ бояд ҳамчун дастурамал дар вазъияти мушаххас хизмат намояд,
- Кодекси ахлоқ бояд барои баррасии мушкилот дар чорчӯби вохӯриҳои касбӣ ҳамчун дастурамал хизмат намояд.